**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД**

Ба рўйхат гирифта шуд:
<u>№ БД–60230100–2.03</u>
«____»________соли 202__

**"ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ"**
Ректори ДДС
Р.И. Халмурадов
___________
202_ йил "___" ______

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ

аз фанни

# ТАҲЛИЛИ ЛИНГВИСТИИ МАТН

| | | |
|---|---|---|
| Соҳаи илм: | 200 000 | -Фанҳои гуманитарӣ ва санъат |
| Соҳаи таълим: | 230 000 | -Фанҳои гуманитарӣ |
| Шўъбаи таълим, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва омӯзиши забонҳо (забони тоҷикӣ) |

**Самарқанд – 202_**



Scanned by TapScanner

Дастури таълимии фанни “Таҳлили лингвистии матн” дар асоси талаботи СДТ ва Талабҳои малака тартиб дода шудааст. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни курси сеюми равиши филология ва омӯзиши забонҳо: забони тоҷикӣ тайёр карда шудааст.

Дастури таълимии фан дар маҷлиси кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷа муҳокима карда шудааст ва барои муҳокима ба шӯрои илмӣ ва услубии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд тавсия карда шудааст. (________ соли 202__ баённомаи № __).

**Мудири кафедра** Ч. Ҳамроев. **проф. Ҷ.Ҳамроев**

Дастури таълимии фан дар шӯрои илмии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд муҳокима гардида, барои истифода пешниҳод карда шудааст. (_____ соли 202_ баённомаи рақами № ___).

**Декани факултет** **проф. А.Пардаев**

Созиш карда шуд:

Проректори корҳои таълимӣ__________ **проф. А.Солеев**



Scanned by TapScanner

| Фан/Коди модул MLTT4004 Бакалавриат | Соли хониши 202_-202_ | Семестри 6 | ECTS-Кредитҳо 4 |
|---|---|---|---|
| Фан/ Намуди фан: Интихобӣ | Забони таълим Тоҷикӣ | | Соатҳои дарси ҳафтаина 4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | **Номи фан** | **Машғулотҳои аудиторӣ (соат)** | **Таълими мустақил (соат)** | **Ҷамъи сарборӣ (соат)** |
| | Таҳлили лингвистии матн | 60 | 60 | 120 |

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсади таълими фанни **«Таҳлили лингвистии матн»**, аз он иборат аст, ки фанни мазкур як соҳаи забоншиносӣ ба ҳисоб рафта, дар забоншиносӣ матн мавқеи муайян дошта таҳлили он низ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Ягонагии забон ва нутқ хелҳои матн, роҳҳои таълими он дар забоншиносӣ ва ташаккули инкишофи он аҳамияти хоссаро дорост.

Ҳангоми таҳлили матн ҷиҳатҳои экспрессивии он низ ба эътибор гирифта мешавад. Фанни “Таҳлили лингвистии матн” донишҷӯёнро ба матнҳои гуногун шинос намуда, таҳлилҳои мантиқӣ, фонетикӣ, лексикологӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ намуданро меомӯзонад.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзуи 1: Истифодаи забон дар нутқ ва мафҳуми матн**

Истифодаи забон дар нутқ ва мафҳуми матн. Фарқи мафҳум ва нутқ, муносибати байни онҳо. Аз таърихи омӯзиши матн.

Истифода бурдани вожаи “матн” ба маънои ахбори таҳияшуда ё китобатшуда, ҳамчунин аз нуктаҳои барҷаста, устувор ва фикрҳои нобу муассирро дар худ ифода намудани матн.

Андешаи мутафаккирони тоҷику форс, аз қабили А. Сино, Форобӣ, Берунӣ ва Н. Хусрав оид ба нутқ, қавл ва калом.



Scanned by TapScanner

**Мавзуи 2. Аз таърихи тадқиқи забоншиносии матн.**

Хелҳои матн. Унсурҳои грамматикӣ дар матн. Муносибати матн бо алифбо. Хусуситяҳои ба худ хоси алифбои забони арабӣ ва тадбиқи он ба забони тоҷикӣ.

Ҳамчунин ба таҳқиқи матн аз нимаи дуюми асри бист бештар шудани таваҷҷуҳи забоншиносон.

**Мавзуи 3. Тадқиқи масъалаҳои матн ва омӯзиши он дар забоншиносии тоҷик.**

Омӯзиши матн дар забоншиносии тоҷик. Масъалаи матн дар забоншиносии тоҷик нисбат аз забоншиносии русу ӯзбек камтар омӯхта шуда бошад ҳам, таҳқиқоти вижаи муҳаққиқони тоҷик чун Б. Камолиддинов, Ф. Зикриёев, З. Мухторов, М. Набиҷонова ... ёд овардан ва ба донишҷӯён фаҳмондан.

**Мавзуи 4. Матн ва унсурҳои он (Принсипҳои матн будан)**

Матн сохтори содда ва мураккаби синтаксиси дар матн. Воситаҳои фонетикӣ ва грамматикӣ дар матн. Масъалаи матни мураккаб дар синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ.

Принсипҳои дигар ва ё унсурҳои асосии матнро дар илми забоншиносии имрӯза, пажӯҳишгарон чунин нишон додаанд: контекстуалият, мукаммалӣ, таърихият, низомнокӣ, мотиватсионӣ, композитсионӣ, аломат, мухобирот, универсалият, корбурдӣ.

**Мавзуи 5. Омӯзиши навъҳои матн**

Навъҳои матн. Матнҳои мураккаб. Матнҳои содда. Усулҳои омӯзиши навъҳои матн.

Дар асоси густариш ба вуҷуд омадани матн. Таҳлили назарияи аз аввалин муҳаққиқоне, ки доир ба густариши матн афкори худро баён кардааст – М. Бахтин.

Ҳамчунин сабзиш ва рӯйиши матн, ки оҳиста –оҳиста тавсеа меёбад. Дар лингвистикаи матн бештар дар бораи панҷ намуди густариши матн ё худ прогрессия ибрози назарҳо вуҷуд дорад: прогрессия тема-рематикӣ, интертекстуалӣ (муаррифии матн), ҷамъбасткунанда, имплитситӣ ва экспилитситӣ, полифонӣ (густариши гуногуновозӣ).



Scanned by TapScanner

**Мавзуи 6. Муносибати семантикӣ ва синтаксисӣ дар ҷузъҳои матн**

Муносибати семантикӣ дар матн. Мавқеи маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо дар матн. Муносибати синтаксисӣ дар байни мубтадо ва хабар ва дигар ҷузъҳои матн.

Нишондиҳандаи сохтори синтаксии матн: бо аломатҳо ифода намудани матн; алоқамандии воҳидҳои таркиби матн; нишондиҳандаи сеюми схтори синтаксисии матн воситаҳои алоқа ва намудҳои алоқа дар матн дониста мешавад.

Ҳамин ҷо аз категорияҳои матн ёдовар бояд шуд, ки муҳаққиқон 14 намуди онро зикр кардаанд: категория замон, категорияи фазо ё худ макон, категорияи мақсад, категорияи модалият, категорияи муаллиф ва хонанда, мутамарказият ва анҷомпазирии матн, алоқамандӣ, тақсимпазирии матн, ретроспективӣ, проспексия, иттилоотӣ, маърифатпазирӣ.

**Мавзуи 7. Воситаҳои лексикӣ ва фразеологии таъминкунандаи алоқаи синтаксисии компонентҳои матн.**

Воситаҳои синтаксисӣ. Мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар матнҳои бадеӣ.

Ҳамин ҷо аз категорияҳои матн ёдовар бояд шуд, ки муҳаққиқон 14 намуди онро зикр кардаанд: категория замон, категорияи фазо ё худ макон, категорияи мақсад, категорияи модалият, категорияи муаллиф ва хонанда, мутамарказият ва анҷомпазирии матн, алоқамандӣ, тақсимпазирии матн, ретроспективӣ, проспексия, иттилоотӣ, маърифатпазирӣ.

**Мавзӯи 8. Алоқаи синтаксисӣ ва воситаҳои лексикӣ дар ҷузъҳои матн**

Алоқаи мувофиқат, алоқаи изофӣ, вобастагӣ, ҳамроҳӣ дар матн ва муносибати байни онҳо дар ташаккули он. Воситаҳои лексикӣ, муродифот, омонимҳо, калимаҳои серистеъмол ва камитеъмол дар ташаккули матн. Дар таҳлили лингвистикаи матн, муҳаққиқон ба ин натиҷа расиданд, ки дар матн асосан, се намуди алоқа роеҷ аст: алоқаи мусалсал (занҷирӣ), алоқаи мувозӣ ва алоқаи ҳамроҳӣ.

**Мавзуи 9. Дериватсияи матн ва нутқ**



Scanned by TapScanner

Дериватсияи матн ва нутқ муносибати байни онҳо. Дериватсия дар байни сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла ва ҷумлаҳои мураккаби пайваст, тобеъ.

Ҳамчунин, таҳияи дуруст, пайдарпай, танзими раванди нутқ, сабти иттилооте, ки дар раванди нутқ иброз мешавад, дар хотир нигоҳ доштани иттилоот, интиқоли ахбор ва иттилоот дар фазо ва замон, рефлексия (робитаи мутақобил) ба иттилооти пешин.

**Мавзуи 10. Масъалаи диалог дар забоншиносии матн**

Мавқеи диалог дар ташаккули матн. Муносибати диалог ва монолог дар ташкили матн. Хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикӣ дар диалог. Як шакли нутқи гуфтугӯӣ байни ду шахс, муколама – асари бадеие, ки дар шакли гуфтугӯй байни ду шахс ва ё якчанд нафар одамон сурат гирифтааст. Намунаҳои аввалини асарҳои диалогӣ, аз таърихи забону адабиёти тоҷикии форсӣ "Дарахти ассурик ва буз" намуна шавад, баъдтар бештар достонҳо: "Лайлӣ ва Маҷнун", "Хусраву Ширин", "Хайру Шарр" эҷод шудаанд.

**Мавзуи 11. Монолог дар таҳлили лингвистии матн.**

Мавқеи сабку услуби монологро дар таркиби матну осор муайян намудан. Бештар барои ифодаи мутаассир аз монолог истифода намудани нависандагон дар матн. Бештар мунозира, қасидаҳои марсиявӣ, розгӯйии ягон камбизоате дар танҳой, ки оҳанги монологӣ доранд. Алоқаи монолог бо диалог. Аломатҳои китобатии монолог.

**Мавзуи 12. Жанрҳо ва услуб дар низоми забоншиносии матн**

Таҳлили матн аз нигоҳи услуб. Муносибати таснифоти матншиносии адабӣ ва таҳлили услубии матн. Таснифоти услубиёти нутқ: услуби китобӣ, услуби гуфтугӯӣ; шохаҳои услуби китобӣ: адабӣ, бадеӣ, публитсистӣ, расмӣ – коргузорӣ.

**Мавзуи 13. Самтҳои нави таҳқиқ дар таҳлили лингвистии матн ва алоқаи таҳлили забонии матн бо фанҳои дигар**

Таҳлили лингвистии матн ҳамчун фанни нав дар илми филолгияи муосир ба шумор меравад. Дар баробари робитаи ногусастанӣ доштани таҳлили лингвистии матн бо илмҳои дигари филологӣ, аз ҷумла, адабиётшиносӣ, фолклор, риштаҳои ҷудогонаи забоншиносӣ, ба мисли таҳлили дискурсивӣ, синтаксис, таърихи забон, услубшиносӣ ва улуми ғайрифилологӣ ба монанди сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърих, семиотика, информатика, мантиқ ва ғайра алоқаманд мебошад.

**Мавзуи 14. Равияи коммуникативӣ-прагматикии омӯзиши матн ва**



Scanned by TapScanner

**муаммоҳои асосии он.**

Ҳар гуна матн дорои хусусияти коммуникативӣ мебошад. Коммуникативӣ, яъне хабаррасонӣ, хабардиҳӣ, маълумотрасонӣ мебошад. Дар алоқамандӣ омӯхтан ва таҳлил намудани лингвистикаи матн ва хусусиятҳои маълумотрасонии он. Ҳамчунин, муносибати онҳоро бо парадигма муайян намудан. Яъне, шаклҳои грамматикии як калима, ки шакливазкунии онро аз рӯи категорияҳои грамматикии ба он хос (аз рӯи ҷинс, шумора, ҳолат тағйир ёфтани исмҳо; шахсу шумора дар феълҳо) ифода менамоянд.

**Мавзуи 15. Роҳҳои ифодаёбии мазмун дар матн, матни мулоқоти нутқӣ ва дискурс**

Алоқаи мантиқии мазмун ва матн. Яке аз вижагиҳои асосии матн будан, ин дорои мазмун будани матн мебошад. Намудҳои матн: мухотабӣ, шифоҳӣ, хаттӣ ва дискурс. Истилоҳи дискурс аз лафзи лотинии Discursus – ба ҳар тараф давидан, ҷорӣ шудан, паҳн шудан; дар таҳлили лингвистии матн ва умуман илми забоншиносӣ ба маънои ба дарозо кашонидан, нақл кардани сухан мебошад.

**Мавзуи 16. Сохторҳои мураккаби синтаксисии таркиби матн.**

Дар таҳлили лингвистии матн сохтори синтаксисӣ ба инобат гирифта мешавад. Таркибу ибора, ҷумлаҳои пурраву нопурра, ҷумлаҳои соддаи яктаркиба, ҷумлаҳои мурраккаби пайвасту тобеъ, сархатт. Ҳамчунин, бандҳои синтаксисӣ ва муносибати мантиқии ҷумлаву ҷузъҳои матн.

**Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ ва семинарӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Матн ва моҳияти лингвистикии он.
2. Унсурҳои асосии матн.
3. Матн ва таснифи типологии он.
4. Матни бадеӣ ва воситаҳои байни қисматҳои он.
5. Муносибати семантикӣ ва синтаксисӣ дар ҷузъҳои матн.
6. Воситаҳои лексикӣ ва фразеологии таъминкунандаи алоқаи синтаксисии компонентҳои матн.
7. Банди синтаксисӣ чун воҳиди таркибии матн.
8. Ақидаву афкори забоншиносони хориҷӣ ва тоҷик дар тафсири матн.



Scanned by TapScanner

9. Хусусиятҳои забонии матни осори манзум ва мансур.
10. Таҳлили фонетикии матн (дар асоси осори Рӯдакӣ)
11. Таҳлили луғавии матн (дар асоси "Таърихи Табарӣ")
12. Таҳлили морфологии матн (дар асоси қиссаи "Марги судхӯр"-и С. Айнӣ)
13. Таҳлили наҳвии матн (дар асоси повести "Одина"-и С. Айнӣ)
14. Таҳлили услубии матн.

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахбоsupport самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

### III. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона

Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Мафҳуми таҳлили лингвистии матн ва таърихи омӯзиши он дар забоншиносии тоҷик.
2. Нутқ ва мафҳум, муносибати онҳо.
3. Аз таърихи тадқиқи забоншиносии матн.
4. Матн ва унсурҳои он.
5. Матни микро ва макро.
6. Муносибати семантикӣ ва синтаксисӣ дар ҷузъҳои матн.
7. Алоқаи синтаксисӣ ва воситаҳои лексикӣ дар ҷузъҳои матн.
8. Масъалаи диалог дар таҳлили лингвистии матн.
9. Дериватсияи матн ва нутқ.
10. Тақсимоти сохтори матн ва синтагмаҳо.
11. Воситаҳои алоқа дар матн.
12. Воситаҳои грамматикӣ дар матн.
13. Мафҳум дар бораи компонентҳои матн.
14. Мавқеи бандҳои мураккаби синтаксисӣ дар таркиби матн.
15. Муносибати семантикӣ дар компонентҳои матн (дар асоси "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ)
16. Таҳлили лингвистии матн дар нимаи аввали асри 20.
17. Намудҳои дискурс.
18. Мафҳуми матн дар забоншиносӣ.
19. Нишонаҳои услубиёти матн.
20. Муносибати семантикӣ ва парагматикии матн.



Scanned by TapScanner

| | |
|---|---|
| | 21. Усулҳои таҳлили матни бадеӣ (дар асоси “Гулистон”-и С. Шерозӣ)<br>22. Унсурҳои асосии матн.<br>23. Матни бадеӣ ва муносибати бандҳои синтаксии он.<br>24. Воситаҳои лексикӣ ва фразеологӣ таъминкунандаи алоқаи синтаксисии компонентҳои матн.<br>25. Масъалаи диалог ва монолог дар таҳлили лингвистии матн.<br>26. Тақсимоти сохтори матн ва синтагмаҳо.<br>27. Вижагиҳои фоносемантикии матни бадеӣ.<br>28. Таҳлили дискурсивии матн.<br>29. Лингвистикаи матн ва фонология.<br>30. Банди синтаксисӣ чун воҳиди таркибии матн.<br><br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани такдимот тавсия карда мешавад. |
| 3 | **IV. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>- дар заминаи баррасӣ ва таҳлили лингвистии матн ва таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти донишҷӯён ба ташаккули шахсияти баркамоли суханшиносӣ, фасеҳбаёну соҳибсалиқа кӯмак расонидан; дар бораи забони осори классик ва муосири тоҷик ва усулҳои омӯзиши он тасаввур ҳосил намудан; оиди қонуниятҳои пайдоишу инкишоф ва хусусиятҳои давраҳои ҷудогонаи тараққиёти таърихи забони тоҷикӣ ва таҳлили лингвистии матн дар забоншиносии тоҷик соҳиби дониши кофӣ гардидан;<br>- Мақсад ва вазифаи таҳлили лингвистии матн роҳҳои ташаккули забони тоҷикиро омӯхтан ва онро таҳлили лингвистикӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар натиҷаи омӯхтани матнҳои гуногун тараққиёти тадриҷии хати забони тоҷикӣ, зина ба зина омӯхта мешавад.<br><br>- Мавқеи забон дар ҷамъият ва вазифаи он. Мафҳуми забон ва нутқ. Матн ягонагии забон ва нутқ. Хелҳои матн ва роҳҳои таҳлили он. Забоншиносии матн, ташаккул ва инкишофи он. Дар забоншиносии тоҷик, ӯзбек ва ҷаҳон дараҷаи омӯхта шудани он. Ақидаҳои Р.Барт, А.Багуславский, К.Коженикова, Т.Ван Дейк ва дигар олимон оиди забоншиносии матн. |
| 4 | **V.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор, таҳлили хаттӣ |



Scanned by TapScanner

| | |
|---|---|
| | намудани порчаҳои матн);<br>• машғулоти амалӣ;<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• ассисментҳо;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VI. Талабот барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати ҷорӣ, марравӣ ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ**<br>1. Одинцов В.В. Стилистика текста.- М: Наука, 1980.<br>2. Турниёзов Н. Матн лингвистикаси. – Самарқанд: СамДЧТИ нашри, 2004.<br>3. Турниёзов Н., Йўлдошев Б. Матн тилшунослиги (услубий қўлланма). – Самарқанд: СамДУ нашри, 2006.<br>4. Звингенцов В. А. Очерки по общему языкознанию. Москва: изво МГУ, 1962.<br>***Адабиёти иловагӣ:***<br>5. Норматов М. Барномаи забоншиносии умумӣ. –Душанбе, 2005.<br>6. Норматов М. Забоншиносии умумӣ. –Душанбе:Маориф, 1991.<br>7. РахматоваС. Библиографияи забоншиносии тоҷик (солҳои 1861-1985). – Душанбе, 2003.<br>8. ТоҷиевД.Т. Осори мунтахаб. –Душанбе, 2005.<br>9. ХоҷаевД. Ташаккул ва таҳаввули илми форсу тоҷик дар асрҳои миёна. – Душанбе, 1998.<br>10. Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. – |



Scanned by TapScanner

Душанбе, 2016. -428 с.

11. Норматов М., Зикриёев Ф. Қ. Забоншиноси умумӣ. –Душанбе, 2006. -259 с.

12. Давлатбек Хоҷаев. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. –Душанбе, 2017. -303 с.

13. Носирҷон Маъсумӣ. Асарҳои мунтахаб. иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2. Нашри дуввум. Забоншиносӣ. Душанбе, "Адиб", 2005. 351 с.

14. Афсаҳов А. ва ҚаҳҳоровҲ. Хат ва пайдоиши он. Душанбе "Маориф" 1994, 47 с.

15. Гиёсов Н. И. Сӣ мақола. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. -300 с.

16. Додихудо Саймиддинов. Пажӯҳишҳои забоншиносӣ. –Душанбе, "Шарқи озод" 2013, -208 с.

17. Зоҳидов А. Паратаксис. – Самарқанд, 2004.

18. Лингвистический энциклопедический словарь.-М., 1990.

19. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. – Тошкент: "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 29 б.

20. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 47 б.

21. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 485 б.

22. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги "Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида" ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон



Scanned by TapScanner

| | |
|---|---|
| | Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда<br>23. Муҳаммад Ғиёсиддин «Ғиёс-ул-луғот» (иборат аз 3 чилд)-Душанбе, 1987-1989.<br>24. Р.Ғаффоров. Б.Камолиддинов. Услубшиносӣ. – Душанбе, 1982<br>25. Ўринбоев Б., Кунгуров Р., Лапасов Ж. Бадиий текстнинг таҳлили.- Тошкент: Ўқитувчи, 1991.<br>**Адабиёти электронӣ:**<br>26. isbn.tj›books…t…zaboni-adabii-hozirai-tochik.html<br>27. lip.ucoz.com/index/khusravi_de_lav/0-51<br>28. omuzgor.mail.ru›load…tochiki/adabijoti_tochik…pdf…<br>29. www. google.uz<br>30. www. ZiyoNet.uz<br>31. www. ref.uz<br>32. www. edu.uz |
| 7 | Дастури фан ____________ соли 202__ таҳти баённомаи рақами __ дар шӯрои таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул карда шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>Муртозоев Холмурод Ризокулович – устоди кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |
| 9 | **Мукарризон:**<br>А. Хонхӯҷаева- номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС (дохила)<br>Д. Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС (беруна) |



Scanned by TapScanner